**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

Дар бораи тасдиқи Тартиби ба фурӯш баровардани

амволи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа

Мутобиқи моддаи 14 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад.

1) Тартиби замимашудаи ба фурӯш баровардани амволи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа тасдиқ карда шавад.

2) Тартиби мазкур ба мақомоти вазорату идораҳо, намояндагиҳо, корхонаю ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар хориҷи мамлакат қарор доранд, расонида шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 30 августи соли 2011 № 428

ш. Душанбе